# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Мирбобоева Бибивахӣ Мирбобоевна дар мавзуи «Ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода дар ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосир», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод шудааст

Мубрам ва муҳим будани таҳқиқоти диссертатсионии довталаби дараҷаи илмӣ Мирбобоева Бибивахӣ дар он аст, ки мавзуи хело муҳим - ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода дар ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосирро, ки новобаста аз ҷомеаи муосир ба шахсиятҳои дорои сатҳи баланди ахлоқӣ, таффакури интиқодӣ ва масъулиятшиносу фаъол ниёз доштану муносибати навинро ба раванди таълиму тарбия дар тамоми зинаҳои таҳсилот хостгор будан то ба имрӯз аз ҷониби олимону педагогҳои ҷумҳурӣ ба таври муакаммалу алоҳида таҳқиқи илмӣ амалии он анҷом нашударо барои таҳқиқ интихоб кардааст.

Масъалаи ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода дар ҳама давру замон ва дар ҳамаи соҳаҳои илм: педагогика, психология, забоншиносӣ, этика ва дигар соҳаҳо таваҷҷуҳи олимони тамоми дунёро ба худ ҷалб намудааст. Дар ин хусус як қатор таҳқиқоти илмӣ гузаронида шудаанд, ки имконияти гузоштани заминаҳои илмии асоснокшударо барои муайян намудани шароитҳои психологӣ – педагогии тарбия намудани муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосир медиҳад.

Кори илмию таҳқиқотии пешниҳодшуда масъили назариявии психологию педагогӣ, баррасӣ ва муқоисаи вазъияту мушкилоти ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонаводаро дар ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосир дар назар дорад.

Дар диссертатсия баррасии озмоишҳои илмии олимони ватаниву хориҷӣ оид ба масъалаи ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода дар ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосир ва натиҷагирӣ аз он шарҳу тафсир шуда, ҳалли масъалаи мазкурро унвонҷӯ дар натиҷаи корҳои илмии назариявӣ ва амалӣ оид ба мавзӯи матраҳ дар муқаддима, ду боб ва ҷамъбасти он нишон бевосита нишон додааст.

Дар муқаддимаи кор мухиммияти мавзуъ, мақсади таҳқиқот, макон, фарзия, вазифаҳои дар назди худ гузошта, кушодани усулҳои таҳқиқ, истифодаи навгониҳои илмӣ, моҳияти назариявӣ ва амалии кор, ки асоси диссертатсияро муайян мекунад, зарурияти амалӣ кардани онҳоро дар таҷриба ифода мекунад.

Дар боби аввал «Асосҳои назариявӣ-методологии ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосир» масъалаҳои мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои рушди техника ва технология дар доираи донишҳои назариявӣ, хусусиятҳои таъсири техника ва технологияи муосир ба ташаккули ҷаҳонбинии хонандагон, ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосир баррасӣ гардидааст.

Муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ хеле дуруст ва воқеъбинона дар боби дувум андешаҳои худро доир ба «Самтҳо ва хусусиятҳои ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода дар ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосир» баён гардида, масъалаҳои ҳамкории мактаб ва хонавода – заминаи асосии ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосир, метод, тарз ва воситаҳои корҳои озмоишию таҷрибавӣ, мазмуну мундариҷаи корҳои озмоишии ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосир мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба масъалаҳои зикргардида натиҷагирӣ ва арзёбӣ гардидааст.

Муаллиф диққати асосиро ба корҳои илмию таҳқиқотии олимони кишвар ва хориҷи он оид ба масъалаи мазкур равона кардааст.

Интишороти муаллиф нуктаҳои муҳим ва асосии таҳқиқотро дар бар мегирад.

Хулоса, автореферати Мирбобоева Бибивахӣ Мирбобоевна дар мавзуи «Ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода дар ташаккули муносибати мусбати хонандагон ба техника ва технологияи муосир» ба талаботи Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ - иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ,<br>сардори раёсати илм ва инноватсияи Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф — Собиров С.Ф.

**Маълумот барои тамос:**<br>734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нисормуҳаммад, 15; Телефон: (992372) 227-63-91; почтаи электронӣ: s.sobirov.dti@mail.ru

"Имзои Собиров Сафарбекро тасдиқ мекунам"

Сардори раёсати кадрҳо<br>ва котиботи ДҶТИБКСМ — Раҷабзода Б.